

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

№52 (4948)

ЧОРШАНБЕ, 23 АПРЕЛИ СОЛИ 2025

Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

www.sadoimardum.tj



## ТАЪИНОТИ КАДРӢ

**22-юми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои ба вазифаҳои роҳбарӣ дар сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ таъиншавандаро барои суҳбат ба ҳузур пазируфтанд.**

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Вализода Илҳомиддин муовини вазири корҳои дохилӣ таъин шуд.

Мутобиқи моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» дар мувофиқа бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифаҳои роҳбарӣ дар як қатор раёсатҳои дастгоҳи марказии Вазорати корҳои дохилӣ, раёсату шуъбаҳои он дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои гуногун кадрҳои соҳибтаҷриба ва ҷавону варзида таъин шуданд. Сардорони шуъбаҳои Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат, Панҷакент, Гулистон, Конибодом, Левакант, ноҳияҳои Муъминобод, Данғара, Хуросон, Шаҳритус, Ёвон, Балҷувон, Спитамен, Мастчоҳ, Айнӣ, Ванҷ, Фирдавсӣ ва Шоҳмансур аз ҳисоби мутахассисони варзида таъин гардиданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кадрҳои ба вазифаҳои пурмасъулият таъиншударо ба хизмати софдилонаю содиқона ба давлат ва мардуми Тоҷикистон ҳидоят намуда, ба онҳо доир ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу тартибот, волоияти қонун ва иҷрои босифати вазифаҳои хизматӣ дар асоси савганди садоқати худ ва қонунгузории кишвар дастуру тавсияҳои мушаххас доданд.

Таъкид гардид, ки ба одоби муошират бо мардум, омӯзиши забонҳои байналмилалӣ ва истифодаи техникаю технологияҳои муосири иттилоотӣ дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ, назорати татбиқи ҳамаҷонибаи талаботи нави қонунгузорӣ дар истифодаи дурусти неруи барқ, аз раванди таълиму тарбия дур намондани насли наврас ва бахусус, ба тарбия ва забономӯзии кадрҳои ҷавон дар сохторҳои Вазорати корҳои дохилӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.

## ИСКАНДАР МУЪМИНӢ ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**22-юми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири кишвари (корҳои дохилии) Ҷумҳурии Исломии Эрон Искандар Муъминиро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар ҷараёни суҳбат ҷанбаҳои алоҳидаи муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Эрон, бахусус ҳолат ва дурнамои ҳамкории ҳар ду кишвар дар соҳаи тартиботи ҳуқуқӣ ва амният, баррасӣ шуд.



Дар ин зимн зарурати татбиқи фаъоли натиҷаҳои сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Исломии Эрон муҳтарам Масъуди Пизишкиён ба Тоҷикистон дар аввали соли 2025 ва санадҳои дахлдори имзошуда таъкид карда шуд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба тақвияти ҳамкорӣ миёни вазоратҳои корҳои дохилии ҳар ду кишвар бо истифода аз абзорҳои мавҷуда зоҳир гардид. Аз ҷумла, доир ба тавсеаи ҳамкорӣ вобаста ба таҳаввулоти ҷиддии нигаронкунанда дар ҷаҳони имрӯза, шиддати рақобатҳои геосиёсӣ, таҳдиду хатарҳои замони муосир мубодилаи афкор анҷом дода шуд.

Зарур дониста шуд, ки барои муқовимати муассир ба зуҳуроти терроризм, ифротгароӣ, тундгароӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, аз ҷумла киберҷиноятҳо ва қочоқи маводи мухаддир, иқдомҳои муштарак андешида шаванд.

Табодули афкор, ҳамчунин, доир ба дигар масоили мавриди таваҷҷуҳи муштарак сурат гирифт.

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 22 апрели соли 2025, №232, ш. Душанбе**

**Дар бораи аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» озод намудани Раҳмон Д.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Раҳмон Дилшод Сафарбек бо сабаби ба кори дигар гузаштан аз вазифаи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» озод карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз 22 апрели соли 2025, №233, ш. Душанбе**

**Дар бораи муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудани Вализода И.С.**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Вализода Илҳомиддин Сироҷиддин муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

## БАРҚИЯҲОИ ТАСАЛЛӢ

**21-уми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Декани Коллегияи кардиналҳои Тахти Муқаддас муҳтарам Кардинал Ҷованнӣ Баттиста Ре барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Ҷаноби Воломақом,**

Хабари даргузашти Олиҳазрат Попи Рим Франсиск боиси андуҳи амиқи инҷониб гардид.

Марҳум бо фаъолияти доманадори худ ба ҳайси Понтифики бузург дар умури ҷаҳонӣ саҳми босазо гузошта, бо ибтикороту амалҳои созандааш дар саросари олам маъруфият пайдо карда буд. Мо хизматҳои шоёни ӯро дар таҳкими муколама миёни тамаддунҳо ва татбиқи фарогири усулҳои сулҳу субот, таҳаммулпазирӣ ва ризояти умум аз ҳар ҷиҳат назаррас медонем ва қадр мекунем.

Зимнан, бо изҳори таассуроти нек аз мулоқоти инҷониб бо Олиҳазрат дар Ватикан, ки соли гузашта сурат гирифта буд, мехоҳам аз саъю кӯшишҳои пайвастаи ӯ дар ҷодаи таҳкиму тавсеаи робитаҳои ҳасанаи Тоҷикистон ва Тахти Муқаддас ёдовар шавам.

Дар робита ба ин мусибати гарон ҳамдардиву таслияти самимии инҷонибро ба ҳамаи пайвандону наздикони марҳум ва пайравони калисои католикӣ баён менамоям».

**23-юми апрели соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба амали мудҳиши террористӣ, ки дар минтақаи Ҷамму ва Кашмир рух додааст, ба Президент ва Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон муҳтарам Драупадӣ Мурму ва муҳтарам Нарендра Модӣ барқияи изҳори тасаллӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

«Хабари фоҷиабори ба ҳалокат расидан ва захмӣ шудани шумораи зиёди одамон дар натиҷаи ҳамлаи террористӣ дар минтақаи Ҷамму ва Кашмир боиси андуҳи беандоза ва нигаронии амиқи мо гардид.

Мо ин амалкарди золимонаи неруҳои ҷиноятпешаро қотеона маҳкум карда, омодагии ҷониби Тоҷикистонро ҷиҳати тақвияти мубориза беамони сарҷамъона алайҳи ҳама гуна зуҳуроти терроризму ифтротгароӣ боз ҳам таъкид менамоем.

Ҳамдардиву таслияти самимии инҷонибро ба Шумо, пайвандону наздикони қурбониёни ин амали террористӣ ва тамоми мардуми Ҳиндустони дӯст изҳор менамоям. Ба ҳамаи маҷрӯҳшудагон шифои комил мехоҳам».

**www.prezident.tj**

## МУЛОҚОТИ ФАЙЗАЛӢ ИДИЗОДА БО СЕМЁН ГРИГОРЕВ

**22-юми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода бо сафири фавқулода ва мухтори Федератсияи Россия дар Тоҷикистон Семён Григорев мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот таъкид гардид, ки Федератсияи Россия яке аз аввалин давлатҳоест, ки Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт. Аз соли 1991 инҷониб Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёр бо Федератсияи Россия ҳамкориҳои дӯстона ва мутақобилан муфидро ба роҳ мондааст.

Зикр шуд, ки робитаҳои қавии ҳар ду кишвар аз пайвандҳои ҳамзистӣ, таърихи муштараки халқҳоямон ва муносибатҳои дӯстонаю бародаронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин сарчашма мегиранд.

Иброз дошта шуд, ки муносибатҳои байнипарлумонии ҳар ду кишвар рӯз ба рӯз густариш ёфта, барои рушду таҳкими муносибатҳо дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла маориф, илм, фарҳанг, иҷтимоиёт, сайёҳӣ, варзиш, заминаи устувор фароҳам меорад.





Дар мулоқот таъкид гардид, ки 80-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, ки ба наздикӣ таҷлил хоҳад шуд, пирӯзии беназири ҳамаи халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистону Федератсияи Россия, мебошад.

## ВОХӮРИИ ФАЙЗАЛӢ ИДИЗОДА БО САФИРИ АРАБИСТОНИ САУДӢ



**21-уми апрели соли 2025 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода бо сафири фавқулода ва мухтори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Валид ибни Абдураҳмон ар-Решайдон мулоқот намуд.**

Зимни суҳбат иброз гардид, ки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ аз ҷумлаи аввалин кишварҳое мебошад, ки Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро 11 январи соли 1992 ба расмият шинохт ва 22 феврали соли 1992 ҳар ду кишвар робитаҳои дипломатиро ба роҳ монданд.

- Робитаҳои қавии кишварҳоямон аз пайвандҳои маънавию таърихии ду мардуми бародар, инчунин, муносибатҳои бародаронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ходими Ҳарамайни Шарифайн муҳтарам Салмон ибни Абдулазиз Оли Сауд, Шоҳи Арабистони Саудӣ, сарчашма гирифтаанд,- афзуд Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода.

Зикр шуд, ки табодули таҷрибаи вакилони ҳар ду кишвар ба нафъи тарафҳо буда, барои тавсеаи фаъолияти қонунгузорӣ мусоидат хоҳад кард.

Таъкид шуд, ки мулоқоти имрӯза барои густариши робитаҳои байнипарлумонии ҳар ду кишвар, тавсеаи фаъолияти гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкории Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлис-аш-Шурои Арабистони Саудӣ заминаҳои мусоид фароҳам менамояд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, «Садои мардум»**

**Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум**

## ИЛОВА БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНӢ «ДАР БОРАИ ММҲД» ҚАБУЛ ШУД

**Бисту сеюми апрели соли 2025 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Идизода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтум баргузор гардид.**



**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 57 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи якуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати ҳафтумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Хурсанд Саидмуродзода, раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ИЛОВА БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНӢ «ДАР БОРАИ ММҲД» ҚАБУЛ ШУД

(Идома аз саҳ. 1)

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 3 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Рустам Шоҳмурод дода мешавад. Марҳамат.



**Рустам ШОҲМУРОД:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Дилшод ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.



Лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда мутобиқи протоколи №18 ҷаласаи Шурои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2023 ва ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ, ки дар ҷаласаи мазкур дода шудаанд, таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади такмили қисми 5 моддаи 293 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар ин раванд ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, танзими расмиёти эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона таҳия ва пешниҳод гардидааст. Махсус бояд қайд намуд, ки сохтмони худсарона, пеш аз ҳама, як шакли ҳуқуқвайронкунии маданӣ ба ҳисоб меравад. Шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, ғайриқонунӣ будани амалҳои хешро дарк намуда, дидаю дониста ба он роҳ медиҳад. Бинобар ин, мутобиқи қисми 2 моддаи 293 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсе, ки худсарона сохтмон анҷом додааст, ба он ҳуқуқи моликият пайдо намекунад. Гузашта аз ин, чунин амволи ғайриманқул, аз ҳисоби шахсе, ки онро худсарона сохтааст, бояд бартараф карда шавад.

Дар қисми 1 моддаи 293 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аломатҳои сохтмони худсарона пурра номбар шудаанд, ин ҳам бошад, дар қитъаи замини бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои чунин мақсад ҷудонашуда бунёди сохтмони худсарона, бе гирифтани иҷозати зарурӣ бунёд намудани сохтмони худсарона ва бо таври назаррас вайрон кардани меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ҳангоми бунёди сохтмони худсарона мебошад.

Мавҷудияти воқеии ҳадди ақал яке аз се ҳолати зикршуда барои худсарона эътироф кардани сохтмон кифоя аст. Махсус бояд қайд намуд, ки амалӣ намудани дилхоҳ сохтмон дар қитъаи замине, ки барои чунин мақсадҳо ҷудо нашудааст, манъ аст.

Мувофиқи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои сохтмонӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин тибқи тартиби муқаррарнамудаи кодекси мазкур бо риояи меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ва дигар талаботи асосии фаъолияти шаҳрсозӣ бояд анҷом дода шаванд. Бо вуҷуди ин, қонунгузор имкони эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаро истисно намекунад. Он ҳам танҳо дар сурати дода шудани қитъаи замин ба шахси муайян барои сохтмон мебошад. Дар баробари ин, ҳангоми баррасии масъала мутобиқати сохтмони худсарона ба талаботи қоидаҳои шаҳрсозӣ ва ҳуқуқҳои дигари ҳифзшаванда санҷида мешаванд. Дар моддаи 293 Кодекси маданӣ шартҳои эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона дақиқ карда шудаанд.

Дар лоиҳаи баррасишаванда пешниҳод мегардад, ки дар ҷумлаи якуми қисми 5 моддаи 293 калимаҳои «бо талаби он аз ҷониби суд» ба калимаҳои «дар асоси аризаи ӯ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шуда, минбаъд баррасии масъалаҳои эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сурат гирад. Таклифи мазкур асоси воқеӣ дорад, зеро мутобиқи қисми 5 моддаи 293 Кодекси маданӣ ягона шарти эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ин ҷудо намудани қитъаи замин барои сохтмон мебошад. Мутобиқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон қитъаи замин ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дода мешавад. Гузашта аз ин, мувофиқи моддаҳои 11 ва 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии давлатии фаъолияти шаҳрсозӣ ва назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи шаҳрсозиро мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ амалӣ менамоянд. Ҳамзамон, лоиҳаи қонуни мазкур дар якҷоягӣ бо лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» пешниҳод шудааст. Илова ба қонуни конститутсионии зикршуда дар назар дорад, ки тартиби эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ҳамин тариқ, масъалаи баррасии эътирофи ҳуқуқи моликият аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пурра танзим карда мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур тибқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2024 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Он тибқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, ба моддаҳои 12, 36 ва 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Аз шумо бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабуд кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Ғайрат Азиззода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғайрат АЗИЗЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мутобиқи муқаррароти моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи Нақшаи амали Маҷлиси миллӣ барои солҳои 2020-2025 дар партави муроҷиат ва роҳнамоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аз 17 апрели соли 2020 ва дастуру супоришҳои Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Дилшод таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мақсади лоиҳа аз такмили Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иборат буда, бинобар ба қисми 5 моддаи 293 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудани тағйиру илова, ба моддаи 20 қонуни конститутсионии мазкур сархати бисту панҷум илова мегардад, ки дар асоси он раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаро ҳал мекунад.



Лоиҳаи қонуни конститутсионии баррасишаванда дар асоси қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2024 таҳти №2492 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Он расмиёти ҳуқуқиро мутобиқ ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра гузашта, ҷиҳати такмили он дар маҷмуъ 3 таклиф пешниҳод гардида, 2 таклиф қабул ва 1 таклиф қисман қабул карда шуд. Лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкур мувофиқ ба раванди рушди низоми қонунгузории кишвар ва мутобиқ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, инчунин, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Бинобар ин, аз шумо - вакилони гиромӣ, хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни конститутсионии мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратулло Давлатзода дода мешавад. Марҳамат.

**Нусратулло ДАВЛАТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайрокунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар доираи талаботи моддаи 45 Кодекси андоз ва бо мақсади иҷрои банди 15 Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгиркунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» аз 12 июни соли 2023 таҳти №263 таҳия карда шудааст.

Рамзгузории электронии мол, раванди нави рақамикунонии назорати молҳои истеҳсолшаванда ва фурӯхташаванда буда, шаффоф гардондани муносибатҳои бозориро тавассути пайгирии раванди ҳаракати молҳо таъмин намуда, ба ин васила, ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ кафолати сифати мол дода мешавад. Рамзгузории электронӣ як намуди шиносномаи рақамии мол мебошад, ки тамоми маълумоти асосиро дар бораи мол дар бар гирифта, пайгирии ҳаракати молро аз истеҳсол то ба фурӯш таъмин менамояд.

Мутобиқи талаботи моддаи 45 Кодекси андоз назорати низоми рамзгузории электронии молҳо, аз ҷумла молҳои зераксизӣ, бо мақсади баҳисобгирии молҳои ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда ва молҳои зераксизии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда, инчунин, ҷиҳати пайгирии гардиши минбаъдаи онҳо анҷом дода мешавад. Масъулият барои рамзгузории молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ба зиммаи молистеҳсолкунанда, барои таъмини талаботи рамзгузории молҳои воридотӣ ба зиммаи воридкунанда ва барои ба фурӯш баровардани онҳо ба зиммаи таҳвилкунанда вогузор мегардад.

Бояд қайд намуд, ки рамзгузории электронии молҳо аз 1 июли соли 2024 нисбати андозсупорандагоне, ки ба истеҳсол ё воридоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи никотиндор, тамокуи тафсондашуда, сигорҳои электронӣ ва маҳсулоти дудкашӣ, ҳамаи намудҳои маҳсулоти спиртдор, алкоголдор ва нӯшокиҳои энергетикӣ ва аз 1 январи соли 2025 барои маводҳои доруворӣ ба ҷумҳурӣ воридшуда ва дар дохил истеҳсолшуда мавриди истифода қарор дода шудааст. Тибқи махзани маълумотҳо, аз 1 июли соли 2024 то инҷониб 274 субъекти хоҷагидор ба барномаи низоми рамзгузории



электронии молҳо пайваст шудаанд. Аз ҷониби субъектҳои мазкур то инҷониб, дар маҷмуъ, 69,2 млн. рамзи электронӣ (QR-рамз) харидорӣ карда шуда, 60,9 млн. адади онҳо ба молҳои рамзгузоришаванда насб карда шудааст.

Ёдрас намудан бамаврид аст, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷазои маъмурӣ барои риоя нагардидани тартиби рамзгузории электронии молҳо пешбинӣ нагардидааст. Бинобар ин, тибқи лоиҳаи қонун ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ моддаи алоҳида (моддаи $606^{1}$) илова карда шуда, барои риоя накардани тартиби рамзгузории электронии молҳо аз ҷониби иштирокдорони муомилоти молҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо» ҷазои маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз шумо - муҳтарам вакилон бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқувайрокунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Нест.

Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Нилуфар Имомзода дода мешавад. Марҳамат.

**Нилуфар ИМОМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур тибқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2025 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон барои баррасӣ, ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон барои додани хулоса ва ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ супорида шуда буд. Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади иҷрои талаботи моддаи 45 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023 таҳти №263 «Дар бораи рақамгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгиркунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо», таҳия ва пешниҳод гардидааст. Тибқи қарори зикргардида, рамзгузории электронии молҳо аз 1 июли соли 2024 барои тамоку ва маҳсулоти тамоку, ҳама намуди спирт, машрубот ва нӯшокиҳои энергетикӣ, инчунин, аз 1 январи соли 2025 барои воситаи доруӣ ва молҳои тиббӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Ҷоринамоии марҳилавии рамзгузории электронии молҳо барои оби нӯшокӣ ва нӯшокиҳои хунуккунанда то 1 январи соли 2026 ва барои техникаи маишӣ то 1 январи соли 2027 таъмин карда мешавад.

Парвандаҳои маъмурие, ки тибқи моддаи нави $606^{1}$ Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд, бо назардошти моддаи 121 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти андоз вогузор карда шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро мавриди омӯзиш қарор дода, онро бо пешниҳоди хулосаҳо ҷонибдорӣ намуданд. Аз кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 таклиф пешниҳод гардид, ки дар маҷмуъ, ба инобат гирифта шуданд.

Кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 15 апрели соли 2025 дар ҷаласаи васеъ бо иштироки намояндагони дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор дода, қабули лоиҳаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намуд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Бинобар ин, аз шумо – вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд.

Доир ба рафти ҷаласа эрод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаи имрӯзаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Сеюми май – Рӯзи байналмилалии Офтоб

# ИСТИФОДАИ ЭНЕРГИЯИ «САБЗ»

## АГАР ИН РАВАНД ВАСЕЪ РОҲАНДОЗӢ ШАВАД...

**Аз соли 1994 бо ташаббуси бахши аврупоии Ҷамъияти байналмилалии энергияи офтоб (ISES Europe) дар бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла дар кишвари мо, сеюми май Рӯзи байналмилалии Офтоб таҷлил мегардад.**

Энергетикаи офтобӣ имрӯз яке аз зудрушдёбандатарин ва ояндадортарин намуди энергетика ба шумор меравад. Соли 2024 истеҳсоли неруи барқ дар ҷаҳон аз энергияи офтоб 474 тераватт-соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 29 дарсад зиёд аст. Як тераватт баробари 1 миллион мегаватт аст. Соли сеюм аст, ки аз рӯи суръати истеҳсоли неруи барқ энергияи офтоб миёни дигар манбаъҳои истеҳсоли неруи барқ ҷои аввалро ишғол мекунад.

Бузургтарин кишвари тавлидкунандаи неруи барқ аз офтоб Чин ба шумор меравад. Танҳо соли 2024 дар ин кишвар неругоҳҳои нави офтобӣ бо иқтидори 357300 мегаватт ба истифода дода шуданд. Дар маҷмуъ, иқтидори неругоҳҳои офтобии Ҷумҳурии Мардумии Чин аз 1 миллион мегаватт гузашт. Аз ҷониби дигар, истеҳсол ва насби таҷҳизоти офтобӣ боиси таъсиси ҳазорон ҷойи нави корӣ гардид.

Кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Ҳиндустон ва Покистон низ аз ҷумлаи бузургтарин истеҳсолкунандагони неруи барқ аз энергияи офтоб ба шумор меравад. Дар ин кишварҳо нисбатан барвақт дарк намуданд, ки «умр»-и истифодаи газу нефту ангиштсанг кӯтоҳ аст. Аз ин рӯ, тадриҷан иқтисодиёти худро барои истифода аз энергияи офтобу шамол, биогаз ва ғайра мутобиқ карданд. Мувофиқи талаботи созишномаҳои иқлимӣ бисёр кишварҳо то соли 2050 пурра аз истифодаи ангиштсанг даст мекашанд. Баъдан, дар давоми 20-30 соли минбаъда навбати нефту газ низ мерасад.

Тибқи нақша бояд то соли 2030 истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар Олмон нисбат ба тамоми неругоҳҳои Федератсияи Россия ду баробар зиёд шавад. Қобили зикр аст, ки ҳоло аз ҷиҳати истеҳсоли неруи барқи офтобӣ ва истифодаи нақлиёти барқӣ Олмон дар тамоми Аврупо ҷои якумро ишғол мекунад.



Бисёр кишварҳои ҷаҳон рӯ ба иқтисоди «сабз» оварда истодаанд, ки истеҳсоли неруи барқ аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия яке аз қисматҳои онро ташкил медиҳад. Бо истифода аз энергияи офтоб мо ихроҷи газҳои зарарноки гулхонаиро аз неругоҳҳои ҳароратӣ ва автомобилҳо кам карда, ҳавои шаҳру деҳотро тоза нигоҳ медорем. Аз тарафи дигар, бо ин усул босуръат обшавии пиряхҳо низ то андозае пешгирӣ мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити «Гурӯҳи 77 ва Чин», ки дар доираи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP- 28) 2-юми декабри соли 2023 дар Амороти Муттаҳидаи Араб баргузор гардид, чунин таъкид намуданд: «Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ва соҳаҳои ояндадори он, бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда, афзоиши истеҳсоли энергияи «сабз» мебошад. Бунёди иншооти энергетикӣ, бахусус неругоҳҳои барқи обӣ, офтобӣ ва бодӣ аз қабили иқдомоти муфид дар ин самт ба ҳисоб мераванд. Иқтидори Тоҷикистон дар самти истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда хеле васеъ мебошад».

Дар ҷумҳурии мо барои рушди энергияи офтобӣ имкониятҳои бузург мавҷуд аст, зеро шумораи рӯзҳои офтобӣ дар як сол дар кишварамон 280-330 рӯзро ташкил медиҳад. Мувофиқи ҳисоби олимони Академияи миллии илмҳои ҷумҳурӣ, агар ҳамагӣ 1 дарсади ҳудуди кишвар бо панелҳои офтобӣ пӯшонида шавад, неруи барқи аз онҳо истеҳсолшаванда соле метавонад ба 5 миллиард кВт /соат расад. Муҳаққиқон ҳисоб кардаанд, ки насби панел ва обгармкунакҳои офтобӣ дар болои биноҳои истиқоматӣ, мактабҳо, муассисаҳои тиббӣ, корхонаҳо ва иншооти фарҳангию варзиш имкон медиҳад, ки 20 дарсади эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ ба неруи барқ таъмин гардад. Дар ин бобат Пешвои миллат 28-уми декабри соли 2023 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид намуданд: «Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқӣ аз ҳисоби манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва то соли 2030 ба ҳаҷми на кам аз 1000 мегаватт расонидани иқтидорҳои алтернативии истеҳсоли энергияи «сабз», яъне бо истифодаи захираҳои офтобиву бодӣ, тадбирҳои амалӣ андешида шаванд».

